«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои биологӣ, профессор
__________Давлатзода С.Х.
«29» ___08___ соли 2022

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Муқоисаи зарбулмасалу мақолҳо дар тасвири забонии ҷаҳон, хусусан дар асоси маводи забонҳои муқоисашаванда яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавии тоҷик ба шумор меравад. Бешубҳа, бархурди тамаддунҳо дар асри навин асолати бисёр забонҳоро аз байн мебарад ва ин ба он оварда мерасонад, ки забонҳои этносҳои аққалиятҳои миллӣ, ки ҷузъи миллат маҳсуб мeёбанд, аз байн меравнд. Ин ҳолат муҳаққиқони забоншиносро ба таҳлука андохта, ин аст, ки дар даҳсолаи охир таваҷҷуҳ ба муқоисаи забонҳо хеле зиёд гардидааст. Агар ба ҳолати муқоисавии ҷанбаҳои забоншиносӣ аз наздик назар афканем, то ин замон дар кишвари мо корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом расидаанд, аммо қиёси хусусиятҳои фарҳангиву қавмии забонҳо хеле кам ба назар мерасад.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо забони англисӣ, ки аз назари хешовандӣ ба як оилаи забонҳо мутааллиқанд, оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи

баррасишаванда даричаеро ба сӯйи муайян намудани хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои миллати тоҷик дар мисоли забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда мекушояд.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) унвон дошта, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия меравад.

Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи мавриди пажуҳиш муҳаққиқ маводи муфассалеро оид ба омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии тоҷик ва англис зикр намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ хеле кам омӯхта шудаанд ва ягона коре, ки аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон дар ҳамин самт иҷро шудааст, ин ҷамъ овардан ва сабти қисми каме аз зарбулмасалу мақолҳо мебошад, ки дар асарҳои илмӣ барои таҳлили грамматикӣ истифода намудаанд. Дар диссертатсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна муҳаққиқони Тоҷикистон Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Ҳусейнов, М. Фозилов, Ф. Турсунов, О.Ш. Иқболов, Ш.А. Норов, Юнусӣ Аҳтамшо ва С. Алихоновaро ном мегирад, ки дар атрофи зарбулмасалу мақолҳои забони тоҷикӣ ва бархе аз забонҳои бадахшонӣ пажӯҳишҳои илмиро ба сомон расондаанд. Барои пажӯҳиши хаматарафа муҳаққиқ сарчашмахои зиёдеро аз масалшиносони ҷаҳонӣ мутолиа намуда, дар рафти кор мавриди истифода қарор додааст, ки А. Тейлор, И.М. Снегирев, А.А. Потебня, И.В. Дал, Ф.И. Буслаев, О. Широкова, М.А. Рибникова, В.П. Фелитсина, С.Г. Гаврин, А.М. Бабкин, А.А. Молотков, В.П. Жуков, В.М. Мокиенко, Н.М. Шанский аз зумраи онҳо мебошанд.

Дар пажӯҳиш ва таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ муҳаққиқон-шарқшиносони рус И.И. Зарубин, Г. Моргенстерне, С.И. Климчитский, В.С. Соколова, Л.Р. Лоример, Т.Н. Пахалина, А.Л., Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский, Я. Обртелова ва забоншиносони тоҷик Б. Б. Лашкарбеков, А. Саидмамадов, А. Мирбобоев ва С.Қ. Матробиён саҳми худро гузоштаанд, ки муаллифи диссертатсия дар рафти кор бештар ба онҳо такя намудааст. Инчунин, доир ба масъалаҳои муқоисавӣ ва андешаҳои лингвофарҳангиву этнолингвистӣ ба олимони тоҷик П. Ҷамшедов, О.О. Муҳаммадҷонов, М. Аламшоев, А. Мирбобоев, С. Қ. Матробиён, М. Иматшоева, М. Броимшоева, М. Бобомуродова, Т. Ашӯрова ва ба забоншиносони рус Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, Н.Д. Арутюнов, Ю.Д. Апресян, А. Вежбиская, В.Н. Телия, В.В. Воробёв, Ю.С. Степанов, Н.И. Жинкин, С.Г. Тер-Минасова, В.А. Маслова, В.И. Карасик, Н.Н. Семененко, Е.И. Селиверстова, М.Ю. Котова, В.В. Красних ва дигарон такя намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бори аввал аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва забоншиносии қавмӣ (этнолингвистӣ) умумият ва фарқияти зарбулмасалу мақолҳои ду мардуми аз назари ҳудудӣ аз ҳам дур, ки забонашон мансуби як ҳавзаи ҷуғрофӣ нест, яъне тоҷикони вахонизабон ва анлисзабон муайян гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки омӯзиши хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо метавонад барои пажӯҳишҳои минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии масъалаи таҳқиқшуда метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳои забоншиносӣ хидмат намоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки муаллиф дар баробари таҳқиқи хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин масъалаи мазкур аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ бори нахуст ба таври мукаммал таҳқиқ гардидааст. Натиҷаҳои асосии пажӯҳиш дар 11 мақолаи илмӣ, 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Диссертатсия дар 3 боб таълиф ёфта, боби аввали он «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ» номгузорӣ шудааст. Боби мазкурро муаллиф аз 5 фасл мураттаб намуда, дар онҳо масъалаҳои зарбулмасалу мақолҳо мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ, фарқияти зарбулмасал аз мақол аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон, қолабҳои сохторию маъноии зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносӣ, таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои гуногуннизом ва зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забонашон бехат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми кор муҳаққиқ доир ба зарбулмасалу мақолҳо ҳамчунин мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ маълумот дода, шарҳу тавзеҳи онро аз тарафи забоншиносони тоҷику рус ва англис зикр кардааст. Он шарҳу таърифе, ки перомуни масъалаи мазкур баён шудаанд, аз тарафи муҳаққиқ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд ва муаллиф то андозае тавонистааст, ки фикру андешаҳои худро иброз намояд. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия таъкид мекунад, ки «Забоншиносии фарҳангӣ, ки дар худ масъалаҳои забоншиносӣ ва фарҳангшиносиро фаро гирифтааст, ҳамчун як қисми илми забоншиносӣ зуҳуроти фарҳанги халқро дар забони он таҳқиқ мекунад. Забон на танҳо консептҳо ва муқарраироти фарҳангро сабту ҳифз мекунад, балки ҳамчун воситаи азнавсозии онҳо дар мафкураи халқ ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва интиқоли онҳо аз насл ба насл хизмат мекунад. Дар забоншиносии муосир омӯзиши консептҳои забонию фарҳангӣ аҳамияти калонро касб кардааст» (диссертатсия с. 17). Дар фасли мазкур муҳаққиқ аслан ба таҳқиқотҳои олимони тоҷик П. Ҷамшедов, О.О Муҳаммадҷонов, М. Аламшоев, А. Мирбобоев, С.Қ. Матробиён, М. Иматшоева, М. Броимшоева, М. Бобомуродова, Т. Ашӯрова ва забоншиносони рус – Е. М. Верешагин, В. Г. Костомаров, Н. Д. Арутюнов, Ю. Д. Апресян, А. Вежбиская, В. Н. Телия, В. В. Воробёв, Ю. С. Степанов, Н. И. Жинкин, С. Г. Тер-Минасова, В. А. Маслова, В. И. Карасик, В. В. Красних ва дигарон такя кардааст. Ҳамчунин, муалллифи диссертатсия афкори муҳаққиқони аврупоӣ Волфганг Мидер, Эмануэл Страусс (Emanuel Strauss), Гюле Пасолау (Gyula Paczolay), Вилям Баркер (Wiliam Barker)-ро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки «на ҳамаи воҳидҳои паремиологӣ дорои тобишҳои фарҳангию миллӣ мебошанд.

дар баъзеи онҳо робита бо фарҳанг ва мафкураи халқ мушоҳида намешавад ва маъноҳои умумибашарию унверсалиро ифода мекунанд. Масалан, воҳидҳои фразеологии «*to throw dust into somebody*'s *eyes*» дар забони англисӣ ва «***ба чашми касе хок кашидан***», яъне *касеро фиреб додан* дар забони тоҷикӣ, ҳарчанд тобиш ва маънои ягона доранд, аммо умумияти миллӣ надоранд» (диссертатсия с. 26).

Фасли дуюм ба масъалаи «Фарқияти зарбулмасал аз мақол аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон» бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф масъалаи фарқи зарбулмасал аз мақол яке аз масъалаҳои баҳрангезе миёни забоншиносон ва фолклоршиносон то имрӯз боқӣ мондааст ва мавқеи худи забоншиносон дар ин масъала якнавохт нест. Муаллиф зикр мекунад, ки ҳатто мавқеи муҳаққиқон И.М. Снегирев ва И.В. Дал ҳамчун паремиологҳои шинохтаи ҷаҳонӣ дар мавриди зарбулмасалу мақол гуногун буд. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур диссертант Парвоева Н.З. фикри худро доир ба ин масъала чунин ҷамъбаст мекунад: «Ба фикри инҷониб, дар нутқи зинда зарбулмасалро метавон ба мақол наздик овард, монанди он ки мақол метавонад ба зарбулмасал бадал шуда, такмил ёбад» (диссертатсия саҳ. 31). Ё ин ки муаллиф дар ҷойи дигар фикри худро чунин баён намудааст: «Мо фикр мекунем, ки дар мақолҳо набудани хусусияти ҷамъбастӣ таъкид мешавад, дар зарбулмасал бошад, ин хусусият бештар мавқеи муҳим дорад» (диссертатсия саҳ. 31). Муаллиф фарқияти ҳар яке аз мафҳумҳои зикршударо шарҳу тавзеҳ додааст.

Фасли сеюми боби мазкур ба масъалаи «Қолабҳои сохторию маъноии зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносӣ» бахшида шудааст, ки диссертант назари забоншиносони рус В.П. Аникин, В.П. Жуков, Г.Л. Пермяков, В.В. Виноградов ва англис А. Тейлор, М. Волфганг, Ҷ. Миллер ва А.В. Кунинро доир ба сохтор ва маънои зарбулмасалу мақолҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки хусусияти мураккаби маъно ва таркиби зарбулмасалҳо, ки қобилияти ифодакунии аломати воҳидҳои гуногуни забонро доранд, на ин ки масъалаи таърифи забоншиносии истилоҳи «зарбулмасал»-ро мураккаб мекунад, балки муҳаққиқонро низ маҷбур месозанд, ки меъёри иловагии тафриқаи зарбулмасалро аз падидаҳое ҷӯянд, ки баъзан бо онҳо мушобеҳанд (диссертатсия с. 35).

Масъалаи таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои гуногуннизом дар фасли чоруми боби якум мавриди таҳқиқ

қарор гирифтааст. Дар ин фасл муаллифи диссетатсия таъкид мекунад, ки муқоисаи зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон М. Фозилов, Бойматова, Я.И. Калонтаров, Ф. М. Турсунов, С. Алихонова, О.Ш. Иқболов, Ш. А. Норов, А. Юнусӣ дар асоси маводи забонҳои форсӣ, дарӣ, русӣ, ӯзбекӣ, англисӣ ва шуғнонӣ анҷом дода шудааст.

Фасли охири ин боб «Зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забонашон бехат» номгузорӣ шуда, диссертант дар он доир ба мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳое, ки соҳиби хат нестанд маълумот медиҳад ва дар радифи баррасии масъала доир ба зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ, ки аз забонҳои бехати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, иттилоъ медиҳад. Муаллифи диссетатсия зикр мекунад, ки забони вахонӣ аз жанрҳои фолклорӣ хеле бой мебошад. Аз он ҷумла, зарбулмасалу мақолҳо дар забони вахонӣ ҷойгоҳи махсуси худро доранд. Барои ҳифзи вожаҳои аслӣ, шинохти тафаккури тоҷикони вахонизабон, дарки ҷаҳони атроф аз ҷониби онҳо ва тасвири забонии ҷаҳони онҳо маводи гаронбаҳое маҳсуб мeёбанд. Тавассути зарбулмасалу мақолҳо мо ба зисту зиндагӣ ва урфу одати тоҷикони вахонизабон ошноӣ пайдо мекунем.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои маънoии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда дар зарбулмасалу мақолҳо, таҷассуми анъанаҳои миллӣ дар зарбулмасалу мақолҳо, инъикоси бархе аз махсусиятҳои миллии тоҷикони вахонизабон дар зарбулмасалу мақолҳо, баъзе вижагиҳои ҳувияти миллии мардуми англисзабон дар зарбулмасалу мақолҳо, инъикоси муносибатҳои оилавию хешутаборӣ дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ, инъикоси муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инъикоси анъанаҳои меҳмоннавозӣ дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон ва англисҳо, ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм ва марг дар зарбулмасалҳои забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор мегардад. Боби мазкур аз 6 фасл ва зерфаслҳо иборат аст. Дар боби мазкур аз ҷониби Парвоева Нурҷаҳон ба вижагиҳои маънoии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ таваҷҷуҳи бештар дода, аз лиҳози забоншиносиву

фарҳангшиносӣ арзишмандтарини онҳоро ҷудо намудааст. Ҳар яке аз онҳо арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашавандаро инъикос намуда, анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои оилавию хешовандӣ, муносибати инсон ба меҳнат ва анъанаҳои меҳмоннавозии онҳоро таҷассум мекунанд. Аз ҷумла, дар мавриди инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда муаллифи диссертатсия зарбулмасалу мақолҳоро дар мавзуҳои зерин баррасӣ намудааст: - **хушбинӣ**: вах. *xə̆ astər nast məxăn* [*маҳтул.* ҳастатро нест магӯй]; вах. *di ičkuy γam xыšiў məcar* [*маҳтул.* дар ғами ҳеҷ кас шодӣ макун]; - **дурусткорӣ**: вах. *wəsk šət pə diwol nənədəfst* [*маҳтул.* хоки хушк дар девор намеистад (яъне, одами дурусткор ҳамеша рост мебарояд)]; вах. *lup šač pəs rost rыyd* [*маҳтул.* саги пир рост меҷакад]; **- ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ**: вах. *pirxona/langarxonai lič mədi* (*маҳтул.* Пирхона / лангархона (яъне, макони зист)-ро лагад мазан (яъне тарк макун); - **худдорӣ, хотирбинӣ ва боодобӣ:** вах. *xalg xotir pə ṣ̌afṣ̌ən* [*маҳтул.* хотири одам аз мӯй бориктар, яъне бисёр нозук аст, ки ҳар замон шикастанаш мумкин аст]. Ба ҳамин тартиб фаслҳои дигари боби дувум аз ҷониби Парвоева Н.З. муқоиса ва таҳлил шуда, бо фикрҳои муаллифи диссертатсия ҷамъбаст шудаанд.

Дар боби сеюм «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» муаллифи диссертатсия ба таҳлили вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои қиёсшаванда пардохта, хусусиятҳои семантикии онҳо дар асоси унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ мавриди таҳлили амиқ қарор мегиранд. Боби мазкур аз 3 фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия: «Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар зарбулмасалҳо ва мақолҳои англисӣ ҷузъҳои ҳайвонот тақрибан бо миқдори якхела нишон дода шудааст. Дар бештар ҳолатҳо, образҳои ҳайвоноти хонагӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ монанданд, вале аз мувофиқати пурраи онҳо гуфтан номумкин аст» (диссертатсия саҳ. 90). Ҳамин тавр, дар ин фасл зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои саг, гурба, асп, хар, гов, гӯсфанд, гург, рӯбоҳ, хук, мурғ, моҳӣ аз ҷониби муаллифи диссетатсия таҳлил шудаанд.

Дар зерфасли баъдии боби сеюм «Хусусиятҳои маҷозии зооморфизмҳо дар зарбулмасалу мақолҳо ва таркибу ибораҳои ҷузъи ҳайвонотдошта дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ» мавриди таҳлил қарор

гирифтааст. Ба ақидаи Парвоева Н.З: «Дар зарбулмасалу мақолҳои оид ба ҳайвонот сухан дар бораи нодонии ин ё он ҳайвон, дар бораи ҳилагарӣ, зӯроварии он рафта, гоҳо рангу шакли он таъкид мешавад. Ин ҷо қаҳрамон ҳар чӣ бештар гоҳ ба хари якраву гоҳ ба гӯсфанди нодон, гоҳ ба гови пуркору мағрур, гоҳ ба шери жаён, гоҳ ба рӯбоҳи маккору гоҳ ба хуки ифлос ва ғайра муқоиса карда мешавад. Ин муқоисаҳо дар асоси аломатҳои воқей ва анъанавии ба ҳайвонот мансуб ва ё ҷиҳати хислату рафтори онҳо сохта шудаанд» (диссертатсия с. 105). Ҳамин хусусиятҳоро муаллифи диссертатсия дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил намуда хулосаи хешро баён доштааст.

Дар фасли сеюми боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ дар мисоли соматизмҳо» таҳлил ва баррасӣ шудааст. Муаллифи диссертатсия дар ин фасл ақидаи худро баён намуда, чунин зикр мекунад, ки аз сабаби аз назари биологӣ як хел офарида шудани инсонҳо воҳидҳои соматикӣ барои ҳама ягонаанд. Танҳо гуногунрангии забонҳо дар байни соматизмҳо тафриқаи забониро ба вуҷуд овардаанд; зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ ҷузъҳои соматикии сар, даст, дил, бинӣ, чашм, даҳон, дандон ва забон дар тасвири ҳар ду соҳибзабонон ҷузъҳои мазкури соматикӣ вобаста ба вазифа ва амалкард дар зарбулмасалу мақолҳо ба кор бурда мешаванд ва ба онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд.

Таъкид ба ёдоварист, ки ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 8 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосир ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Хулосаи мухтасари кори

диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад ба гунаи неку мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» баъзе норасоиву камбудихоро мушохида намудем:

1. Дар унвони диссертатсия, агар калимаи мураккабсохти «миллӣ-фарҳангӣ» танҳо бо калимаи «миллӣ» навишта мешуд, беҳтар мебуд. Зеро аввалан чунин қолаб ба забони тоҷикӣ он қадар созгор нест ва, дувум, вожаи «миллӣ» метавонад «фарҳангӣ»-ро низ дар бар гирад.
2. Дар боби аввал фаслҳои 2-юм ва 3-юм аз нигоҳи мазмун ба якдигар хеле наздиканд, ки ин фаслҳоро метавон дар як фасл ҷойгир кард.
3. Дар баъзе аз саҳифаҳои кор андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 27, 29, 31).
4. Дар бархе аз саҳифаҳои кор муаллифи тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо аз забони англисӣ мушаххас нест.
5. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз воҳидҳои фразеологӣ дар диссертатсия ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии диссертатсия боз баландтар мегардид.
6. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (45, 49, 55, 67, 89….) ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна таҳти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) ба талаботи «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна сазовори дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№1** аз **27.08.2022** тасдиқ гардидааст.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "тарафдор"- 12 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва
типологияи забони англисии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» **Фатҳуллоев Икромуддин Баротович**

**Котиби ҷаласа:** **Исманқулова Мавҷуда Абдужалоловна**

Имзоҳои Олматова Ш.С.
ва Фатҳуллоев И.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Джамшед Абдуалим**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«27» 08 **соли 2022**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Нишонӣ: ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав
Тел: (+992-32-22), 2-45-20, 2-22-53, 2-54-81.
Email: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu.edy.tj